**Тақризи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович оид ба мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Дарахту буттаҳои боғӣ аз дарахту буттаҳои худрӯй, ки намудҳои зиёди онҳо дар айни замон дар табиат вомехӯранд, пайдо шудаанд. Дар рафти омӯхтани маҳалли пайдоиши дарахту буттаҳои боғӣ академик Вавилов Н.И. муайян намудааст, ки минтақаҳои Осиёи Миёна, Қафқоз, Крим ва соҳилҳои бахри Миёназамин маҳалли пайдоиши дарахтону буттаҳои меваи имрӯза мебошанд.

Кӯҳсор будани сарзамини Тоҷикистон таъсири омилҳои мазкурро боз ҳам тақвият мебахшад. Гуногунии релеф ва фарқияти баландӣ аз сатҳи баҳр боиси тағйир ёфтани низоми ҳарорат ва намии хок гашта, ба раванди хокҳосилшавӣ ва фаъолияти микробиологии хок таъсири калон мерасонад. Дар натиҷаи ин унсурҳои иқлим ва навъҳои хок ҳатто дар мавзеъҳои хурд низ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Шароити хоку иқлими Тоҷикистон, хусусан водии Ҳисор барои парвариши дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад. Боғдорӣ бахши муҳими кишоварзӣ ба шумор рафта, он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва сабади истеъмолӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд, чунки меваҷот дар баробари маводи ғизоӣ ҳамчунин, маводи табобатӣ низ мебошад. Рушди бемайлони боғдорӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад. Чунки аҳолии мамлакт рӯз то рӯз зиёд шуда, талаботи аҳолӣ низ ҳамасола аз ҳисоби меваҷоту сабзавот, ғалладонаю лӯбиёгиҳо афзоиш ёфта истодаанд.

Дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ Намозов Амонулло Каримхонович қонуниятҳои ҷараёни марҳилаҳои фенологӣ дар давраи рушди солонаи себҳои маҳалӣ, шаклҳои ёбоии он ва навъҳои воридшуда, хусусиятҳои биологӣ (тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво), дараҷаи паҳншавии онҳо дар минтақа, навъу шаклҳои себ аз рӯйи аломатҳои маҳсулнокӣ, ҳосилбандии мунтазам, ҳосилнокӣ, ҷудо кардани навъу шаклҳои себ, ки дорои хусусиятҳои беҳтарини арзишноканд ва барои истифода дар селексия ва бунёд намудани боғҳои ҳозиразамон ва навъу шаклҳои пурқимати ояндадори себ ҳамчун маводи аввалияи селексионӣ ва ғани гардонидани ассортименти навъҳои себ дар ҷумҳуриро омӯхт ва барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо таҳқиқоти илман асоснок пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки худи унвонҷӯй бевосита кори диссертатсияро иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда, самараи таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Саҳми муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳроии лайёқати баҳодиҳии натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Намозов Амонулло Каримхонович аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертисионии худ мустақилона 8 мақола нашр намудааст, ки аз он 4 тояш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 тавсиянома бо номи “Боғдорӣ” ба чоп расидаанд. Натиҷаҳои кори таҳқиқотии ӯ дар маводҳои конфренсияҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад барраси намудааст.

Гуфтаҳои болоро асос карда қобили қайд аст, ки кори диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бораи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя дар Шурой диссертатсионии **6D-КОА-64** дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои биологӣ,
профессор, узви вобастаи АМИТ,
кормади шоистаи Тоҷикистон Гулов С.М.

Имзои Гулов С.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Шириншо Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.